Аз 13.07.2018, №9520/9.1

Вазорату идораҳо ва мақомотҳои
ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

«Оид ба фаъолияти эҳсонкории шахсони
воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба манфиати мақомоти
ҳокимияти давлатӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо изҳори қаноатмандӣ аз фаъолияти тарафҳо, дар робита ба муроҷиатҳои андозсупорандагон вобаста ба мавҷудияти имтиёзҳои андозӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти эҳсонкорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба манфиати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, барои маълумот ва корбарии Шумо чунин иттилоъ медиҳад.

Тартиби татбиқи имтиёзҳои андозӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти эҳсонкорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба манфиати мақомоти ҳокимияти давлатӣ тибқи моддаи 16, зербанди б) банди 23 моддаи 17, моддаҳои 169, 192 ва 249 Кодекси андоз, инчунин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №211 ба танзим дароварда шудааст.

Мутобиқ ба муқаррароти моддаи 16 Кодекси андоз лоиҳаҳо оид ба сохтмони иншоотҳои иҷтимоӣ, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ ройгон дода мешаванд, ба феҳристи лоиҳаҳои сармоягузорӣ (имтиёзнок), ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ пеш бурда мешавад, ворид карда мешаванд. Тартиби пешбурди феҳристи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо пешниҳоди Кумитаи мазкур дар мувофиқа бо мақомоти молия ва мақомоти андоз аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Айни ҳол, лоиҳаи қарори дахлдор дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва баъд аз қабул тавассути сомонаҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Кумитаи андоз ба ҳамагон дастрас мегардад.

Инчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки мутобиқ ба муқаррароти зербанди б) банди 23 моддаи 17 Кодекси андоз аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба моликияти мақомоти

давлатӣ ройгон супордани молу мулк, аз ҷумла иншооти зарурӣ-**грант** эътироф карда шудааст.

Ҳамзамон, банди 7 қисми 2 моддаи 169 Кодекси андоз муқаррар намудааст, ки ройгон супоридани молҳо ба манфиати давлат аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошад.

Ҳамчунин, тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 249 Кодекси андоз хароҷоти шахсоне, ки бо мақсади бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ ё ҳалли масъалаҳои дигари иҷтимоӣ иншооти заруриро бунёд намуда, ба таври ройгон ба моликияти мақомоти дахлдори давлатӣ месупоранд, ба объекти андозбандии андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дохил карда намешаванд.

Бинобар ин, бо мақсади татбиқи амалии муқаррароти моддаи 16, зербанди б) банди 23 моддаи 17, моддаҳои 169, 192 ва 249 Кодекси андоз, инчунин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №211 (минбаъд-Тартиб) мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки молу мулк, аз ҷумла иншооти заруриро бунёд намуда, ройгон ба моликияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ месупоранд ва инчунин дигар шахсони ҳуқуқие, ки вобаста ба чунин объектҳо иҷрои кор, таҳвили мол ва хизматрасониҳоро анҷом медиҳанд, барои амалиёти андозбандиннашаванда эътироф намудани ин амалиётҳо, ҳуҷҷатҳои зернинро талаб намоянд:

1. Шахси воқеӣ ва ҳуқуқие, ки аз ҳисоби маблағҳои худ иншооти заруриро бунёд намуда, ройгон ба моликияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ супориданианд (минбаъд – шахсони эҳсонкор), пеш аз оғози чунин корҳо ба Кумитаи андоз оид ба  татбиқи лоиҳаи грантии дарназардошташуда ариза бо замима намудани нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (Созишномаи бо мақомоти марбута басташуда, нусхаи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмон ва дигар асосҳо, ки тибқи онҳо фаъолияти эҳсонкорӣ амалӣ мегардад) пешниҳод намоянд.
2. Шахсони эҳсонкор таҳвилгарони молҳо (корҳо ва хизматрасониҳо)-и худро бо ариза (шикли Замимаи №1-и Тартиб) аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод намоянд.
3. Шахсони эҳсонкор мутобиқи банди 18 ва Замимаи №3 Тартиб ҳар моҳ на дертар аз санаи 10-и моҳи баъд аз моҳи тақвимӣ ба Кумитаи андоз ва нозироти андози қайди худ нусха

аз Номгӯи аҳдҳоро (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ва баъди итмоми сохтмони иншоот ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ба мақомоти давлатӣ супоридаро), ки бо таҳвилгарони молҳо (корҳо ва хизматрасониҳо) баста шудааст, пешниҳод намоянд. Шакли электронии Тартиб ва замимаҳо ба он дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), дар сутуни қонунгузорӣ (қарорҳо) ҷойгир карда шудааст.

4. Аз ҷониби шахсони эҳсонкор ҷиҳати тасдиқи татбиқ гардидани имтиёзот ба Кумитаи андоз ҳуҷҷати дахлдори ниҳоӣ (санади супоридан ва қабули иншоот ва нусхаи тавозуни мақомоти давлатӣ) оиди қабули иншоот аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда шавад.

5. Таҳвилгарони молҳо (корҳо ва хизматрасониҳо), ки бевосита бо шахсони эҳсонкор қарордод (шартнома) баста, дар доираи чунин корҳои эҳсонкорӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда тибқи ариза озод карда шудаанд, нусхаи аризаро ба эъломияи андоз аз арзиши иловашудаи давраи ҳисоботӣ замима намоянд.

Дар ҳолати риоя гардидани талаботҳои дар боло қайдгардида, чунин шахсон (шахсони эҳсонкор ва таҳвилгарон) вобаста ба фаъолияти эҳсонкорӣ аз давраи пешниҳоди ариза тибқи банди 1 то иҷрои муқаррароти банди 5 мактуби мазкур аз имтиёзҳои зерин бархӯрдор мешаванд:

- Шахсони эҳсонкори дар низоми содакардашуда фаъолиятдошта, аз пардохти андози низоми содакардашуда;
- Шахсони ҳуқуқии эҳсонкори дар низоми умумӣ қарордошта аз пардохти андози фоида, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз истифодабарандигонӣ роҳҳои автомобилгард;
- Таҳвилгарони молҳо (корҳо ва хизматрасониҳо), ки бевосита бо шахсони эҳсонкор қарордод (шартнома) бастаанд, дар доираи чунин корҳои эҳсонкорӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда тибқи ариза озод карда мешаванд.

Ҳамзамон, мутобиқ ба талаботи моддаи 113 Кодекси андоз шахси ҳуқуқие, ки маблағгузории эҳсонкориро анҷом медиҳад ҳуқуқи дар ҳаҷми воқеии маблағҳои пардохтшуда, аммо на бештар аз 10 фоизи фоидаи андозбандишавандаи соли ҳисоботӣ (бе дарназардошти маблағҳои мутобиқи ин модда тарҳшуда) аз фоидаи андозбандишаванда тарҳр намудани чунин маблағгузориҳоро дорад.

Дар сурати аз ҷониби шахсони эҳсонкор иҷро накардани уҳдадориҳои худ доир ба ройгон супоридани иншооти дахлдор (иҷрои корҳою хизматрасониҳои дахлдор) ва риоя нагардидани шартҳои дар моддаи 10 Кодекси андоз муқарраршуда, имтиёзҳои тибқи мактуби мазкур пешбинишуда нисбат ба онҳо татбиқ намегарданд ва маблағи имтиёзҳои гирифташуда аз ҷониби мақомоти андози дахлдор ситонида мешаванд.

Ҳамзамон, қайд намудан ба маврид аст, ки бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани имтиёзҳои андозӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти эҳсонкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба манфиати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷониби Кумитаи андоз пайваста бо андозсупорандагон семинар-машваратҳо баргузор карда шуда, ба мақомоти ҳудудии андоз оид ба масъалаи мазкур мактуби дастурӣ аз 22.11.2016, №13294/9.1 ирсол шуда, нусхаи он дар сомонаи Кумита (www.andoz.tj) дар қисмати мактубҳои тавзеҳотӣ ҷойгир шудааст, ки вазорату идораҳо ва андозсупорандагон метавонанд аз он истифода намоянд.

Раис Н. Давлатзода